# 37643 - Талаффуз намудани нияти рӯза бидъат аст

**савол**

Мо дар Ҳиндустон барои рӯза чунин ният мекунем: **"Эй Аллоҳ! Барои Ту ҷиддиёна рӯза мегирам. Пас гуноҳони гузашта ва ояндаамро биёмурз".** Маънои инро намедонам, вале оё ин нияти дуруст аст? Агар ин дуруст бошад, лутфан маънояшро ба ман бигӯед ва ё нияти дурустеро, ки дар Қуръон ва ё ҳадис ворид шудааст, ба ман бигӯед.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи Рамазон ва дигар ибодатҳо бе ният дуруст намегардад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд: **«Ҳаройина амалҳо ба ниятҳо вобастагӣ доранд ва ҳар шахс мутобиқи нияташ савоб ба даст меоварад . . . то охири ҳадис».** Ривояти Бухорӣ (1) ва Муслим (1907).

Шарти ният ин аст, ки он бояд дар шаб ва пеш аз дамидани субҳ анҷом дода шавад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар кас пеш аз дамидани субҳ рӯзаро ният накунад, ӯ рӯзае надорад (яъне рӯзааш дуруст нест)».** Тирмизӣ (730) ин ҳадисро ривоят кардааст. Лафзи Насоӣ (2334) чунин аст: **«Ҳар кас аз шаб рӯзаро ният накунад, ӯ рӯзае надорад (яъне рӯзааш дуруст нест)».** Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" (583) саҳеҳ донистааст.

Маънои он ин аст, ки ҳар кас рӯзаро ният накунад ва аз шаб ба анҷом додани он азм нанамояд, ӯ рӯзае надорад (яъне рӯзааш дуруст нест).

Ният амали қалбӣ мебошад, ки мусулмон бо қалбаш азм менамояд, ки ӯ пагоҳ рӯза мегирад. Барои ӯ машрӯъ нест, ки онро (бо забон) талаффуз намояд ва бигӯяд: Рӯзаро ният кардам ва ё барои Ту ҷиддиёна рӯза мегирам . . . ва ё дигар ибораҳое, ки баъзе аз мардумон эҷод кардаанд.

Нияти дуруст ин аст, ки инсон бо қалбаш азм намояд, ки ӯ пагоҳ рӯза мегирад.

Ва барои ҳамин, Шайху-л-ислом (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар "Ал-Ихтиёрот" (саҳ 191) гуфтааст:

Ҳар кас аз дилаш гузаронад, ки пагоҳ рӯза мегирад, пас ба таҳқиқ ният кардааст. Поёни сухан.

Аз Кумитаи доимӣ пурсиданд:

Чигуна инсон рӯзаи Рамазонро ният мекунад?

Чунин посух доданд:

Ният бо азм бар рӯза ҳосил мешавад ва бояд ҳар шаб барои рӯзаи Рамазон ният карда шавад. Поёни сухан.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (10/246).

Аллоҳ донотар аст.